**Тақризи роҳбари илмӣ**

**ба диссертатсияи докторант [PhD] Мирзозода Ноил Мирзо дар мавзуи «Таҳлили муқоисавӣ-таърихии вожаҳои мансуб ба «Занд»-у «Позанд»-и «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммадҳусайни Бурҳон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа [PhD] – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ)**

Фарҳангномаҳо дар ҳифзу нигоҳдорӣ ва интиқоли сарватҳои луғавии забон сарчашмаҳои муҳим ва муътамад маҳсуб ёфта, нақши ин маъхазҳои арзишманд барои забони тоҷикӣ басо бузург аст. Дар асоси чунин манобеи арзишманд таҳқиқ кардани сарнавишти вожаҳои аслии тоҷикӣ, мусалламан дар илми забоншиносии тоҷик аз аҳаммияти хос бархурдор аст.

Таҳқиқи вожаҳои куҳани забон, ки ба ҳукми фаромӯшӣ рафта, танҳо дар маъхазҳои алоҳида боқӣ мондаанду сарнавишти норавшан доранд, кори сода набуда, аз муҳаққиқ азму иродаи қавӣ, дониши мукаммал, тааммулу борикбинӣ мехоҳад. Дар радифи дигар аносири луғавӣ вожаҳои бозмондаи оромӣ, ки қарнҳо қабл дар забони тоҷикӣ гардиш дошта, баробари вожаҳои аслии форсӣ-тоҷикӣ мустаъмал гардида, то даврони нави забони мо мавриди истифода қарор доштанд, сарвати луғавии арзишманд ва баёнгари сарнавишти пурпечутоби забон ба шумор меоянд. Ин гурӯҳи луғатҳо имрӯз ба ҳукми фаромӯшӣ рафта, нисбатан ба таври комил дар фарҳангномаҳо, аз ҷумла «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва «Бурҳони қотеъ» ҳифз шудаанд.

Лозим ба ёдоварист, ки набудани маводи дастрас ва осори илмӣ дар таҳқиқи ин гурӯҳи калимаҳо як андоза кори муҳаққиқро душвор месозад ва ҳамин омил, маъмулан, боиси аз тадқиқи ин масъала даст кашидани пажуҳандагон гардидааст.

Докторант [PhD] Мирзозода Н.М. чунин гурӯҳи моддаҳои луғавиро дар асоси матни «Бурҳони қотеъ» мавриди омӯзиш қарор дода, ба натиҷаҳои назаррас дастёб гардидааст. Номбурда, ҳузворишҳои бозмондаи оромиро, ки дар фарҳангномаҳо ба унвони «Занд»-у «Позанд» ёд шудаанд, аз лиҳози баромад, гардишаш дар забонҳои

қадиму миёнаи эронӣ, ҳолатҳои сермаъноӣ, вижагиҳои муродифиашон бо вожаҳои тоҷикиву арабӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.

**Боби якуми диссертатсия** масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҳузворишҳоро фаро гирифтааст. Дар ин қисмати рисола маълумоти умумӣ дар бораи ҳузворишҳо, сарчашмаҳои марбут ба онҳо, зикри ин унсурҳои луғавӣ дар забонҳои порсии бостон, портӣ ва порсии миёна, суғдӣ баррасӣ гардида, баъдан гурӯҳҳои мавзуии марбут ба исму сифат, феъл ва зарф ба риштаи таҳлил кашида шудаанд. Муаллиф ишора кардааст, ки баъзе вожаҳои ба истилоҳ «ҳузворишҳо»-и баррасишуда аз лиҳози шаклу маъно бо вожаҳои аслии тоҷикӣ, ки решаашон ба забон-асоси ҳиндуаврупоӣ мерасад, қаробат дошта, шояд бар асари тасҳиф ба гурӯҳи ҳузворишҳо шомил шуда бошанд, аммо ҳангоми муқоиса аён гардид, ки қисми асосии вожаҳои дар ин бахш матраҳшуда бо унсурҳои луғавии аслии тоҷикӣ қаробати шаклӣ надоранд.

**Боби дуюм** гурӯҳҳои мавзуӣ ва вожагонӣ-маъноии ҳузворишҳоро фаро гирифтааст. Дар боби мазкур вижагии ҳузворишҳои марбут ба истилоҳоти ҷуғрофӣ, кайҳоншиносӣ, динӣ, гиёҳу дарахтон, ҳайвонот, номи шахс, асбоби рӯзгор, воситаҳои ҳарбу разм, доруворииву табобат ва мафоҳими хешутаборӣ ба баррасӣ кашида шуда, муаллиф ба хулоса расидааст, ки ин дастаи ҳузворишҳо дорои вижагиҳои хосанд ва дар ошкорсозии тарзи ташаккули вожаҳои мураккаб ва унсурҳои ёрирасони ҳузворишҳои аз лиҳози сохтор мураккаб маводи муҳимми фактологӣ хоҳанд дод.

**Боби сеюм** ба масъалаи вижагиҳои муродифӣ ва сермаъноии ҳузворишҳо марбут аст. Муаллифи рисола дар ин боб ҳузворишҳои сермаъно, ҳузворишҳои маънои махсусдоштаи «Занд»-у «Позанд», муродифшавии ду ҳузвориш ва ҳузвориш бо вожаҳои тоҷикиву арабиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Унвонҷӯ таъкид намудааст, ки ҳузворишҳои марбут ба гурӯҳҳои луғавию маъноӣ бозгӯйи роҳи пурпечутоби ташаккул ва таҳаввули воҳидҳои луғавӣ ва унсурҳои сарфию наҳвии забони тоҷикӣ ва аносири иқтибосӣ мебошанд.

Мирзозода Н.М. дар мавриди накши «Бурҳони қотеъ» дар ҳифзи ҳузворишҳо ва арзиши илмии он андешаронӣ намуда таъкид кардааст, ки «Бурҳони қотеъ», воқеан, сарчашмаи муҳимми сарвати луғавии забони форсӣ-тоҷикӣ маҳсуб ёфта, бояд дар таҳқиқи таърихи вожаву ифодаҳои аслии тоҷикӣ, муайян намудани сарнавишти унсурҳои мустақилмаънову ёвари забон ва таҳияи маводҳои илмӣ-методии риштаи забоншиносӣ ҳамчун сарчашмаи аввалиндараҷа истифода гардад.

Таҳқиқи илмии Мирзозода Н.М. кори мустақилона анҷомдодашуда маҳсуб ёфта, дорои аҳаммияти назариву амалӣ мебошад ва он барои дар оянда густариш ёфтани ин самти таҳқиқ дар забоншиносии тоҷик замина хоҳад гузошт.

Диссертатсияи анҷомёфта яке аз қисматҳои дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои солҳои 2021-2025-ум мебошад.

Навгонии рисола дар он зоҳир мегардад, ки ба риштаи таҳқиқ кашида шудани маводи бозмондаи оромиасл, ки ба ҳайси ҳузвориш дар сарчашмаҳо ёд шуда, дар «Бурҳони қотеъ» ба унвони «Занд»-у «Позанд» сабт гардидаанд, собиқаи омӯзиш надорад. Дар забоншиносии тоҷик таҳқиқи алоҳидаи диссертатсионӣ дар самти омӯзиши вожаҳои «Занд»-у «Позанд» низ таҷрибаи аввал аст.

Диссертатсияи Мирзозода Ноил Мирзо бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 6D020500 **- Филология** (6D020502 – **Забони тоҷикӣ**) таъин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Докторант аз рӯйи мавзуи таҳқиқоташ дар маҷмуъ 11 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки 5 адади он дар маҷаллаҳои илмии таҷризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия интишор гардидаанд. Ҳамчунин 6 мақолаи илмии дигари номбурда дар маҷаллаву маҷмуаҳои илмии ҷумҳуриву

байналмилалӣ, фаслномаҳои илмиву адабӣ нашр гардидаанд, ки онҳо мазмуну муҳтавои диссертатсияро пӯрра инъикос менамоянд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Мирзозода Ноил Мирзо «Таҳлили муқоисавӣ-таърихии вожаҳои мансуб ба «Занд»-у «Позанд»-и «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммадҳусайни Бурҳон» ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, инчунин талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси **6D020500 – Филология** (6D020502 **– Забони тоҷикӣ)** мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
Доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забони тоҷикии
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров» Ҳасанзода А.А.

«26» 09 соли 2024

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков, 1.
МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»
E-mail: abdujamol58@mail.ru
Тел.: (92) 824-25-61; (91) 500-41-21

«Имзои профессор Ҳасанзода А.А.-ро тасдиқ мекунам»:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Сайдуллозода З.С.

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вил. Суғд, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Б.Мавлонбеков, 1.,
Тел.: (+992) 92-805-70-07,
E-mail: zarrina_14.10.70@mail.ru
«26» сентябри соли 2024